**“Тасдиқ мекунам”**
Ректори Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, доктори илмҳои филологӣ, профессор
Гулназарзода Ҷ.Б. ______________
“30” ___04___ соли 2026

# ХУЛОСАИ
# ДОНИШГОҲИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ЗАБОНҲОИ ХОРИҶИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ СОТИМ УЛУҒЗОДА

Диссертатсияи Давлатзода Муслим Сайбурҳон дар мавзуи “Таҳлили вижагиҳои истифодаи аломатҳои китобат дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021310 – Забоншиносии типологӣ ва муқобилавӣ) дар кафедраи филологияи англиси Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода иҷро шудааст.

Дар ҷараёни омода намудани диссертатсия Давлатзода Муслим Сайбурҳон докторант (PhD) - и кафедраи филологияи англиси Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода ба шумор мерафт.

Давлатзода Муслим Сайбурҳон соли 2016 факултети забонҳои романӣ-германии Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода (ҳоло Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода) - ро аз рӯйи ихтисоси забони фаронсавӣ (минтақашиносӣ) хатм кардааст.

Ҳамчунин, соли 2019 Давлатзода Муслим Сайбурҳон зинаи магистратураи Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи С. Улуғзодаро бо ихтисоси забони англисӣ (омӯзгор) хатм намудааст.

Номбурда бо фармоиши ректори Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода аз 17.09.2019, №134-4д ба ҳайси доктор (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021310 – Забоншиносии типологӣ ва муқобилавӣ) қабул карда шудааст.

Мавзуи диссертатсияи Давлатзода Муслим Сайбурҳон дар Шурои олимони Донишкада аз 28 ноябри соли 2019, №4/4-3 таҳти унвони “Таҳлили вижагиҳои истифодаи аломатҳои китобат дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ” тасдиқ гардидааст.

Роҳбари илмӣ – Мусоямзода Зубайдулло Муминшо – номзади илмҳои филологӣ, дотсент, декани факултети равияи омӯзгории забони англисии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода мебошад.

Маълумотномаи академӣ (транскрипт) аз 26.03.2024, №3/227 аз ҷониби Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода дода шудааст.

Диссертатсияи Давлатзода Муслим Сайбурҳон дар ҷаласаи муштараки кафедраҳои забоншиносии муқоисавӣ ва тарҷумашиносӣ ва филологияи англис аз 29.04.2026, №9 муҳокима гардидааст. Ба диссертатсия аз ҷониби муқарризон баҳои мусбат дода шуда, пас аз ислоҳи камбудиҳо ба зинаи навбатии ҳимоя тавсия гардидааст.

Оид ба натиҷаи баррасии диссертатсия дар мавзуи "Таҳлили вижагиҳои истифодаи аломатҳои китобат дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ" чунин хулоса қабул карда шуд:

**Мутобиқати ихтисос ва номи мавзуъ ба шиносномаи ихтисос ва муҳтавои диссертатсия**. Мавзуи диссертатсияи Давлатзода Муслим Сайбурҳон бо унвони "Таҳлили вижагиҳои истифодаи аломатҳои китобат дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ" бо шиносномаи ихтисос ва муҳтавои он ба тартиби муқарраршудаи таълифи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021310 – Забоншиносии типологӣ ва муқобилавӣ) мутобиқат менамояд.

**Алоқамандии мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар ҷумҳурӣ.** Таҳқиқи диссертатсионии мазкур ба сархати 9-и "Самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025" (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.09.2020, №503) иртибот дошта, натиҷаҳо ва хулосаҳои таҳқиқи илмӣ ҳангоми тадрису пажуҳиш дар самти забоншиносии муқоисавӣ нақши муҳим доранд. Ҳамзамон, диссертатсия бо "Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030 (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.08.2019, №438)" иртибот дорад.

**Мутобиқати теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он.** Мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он ба пуррагӣ мутобиқат менамояд. Муҳтавои асосии диссертатсия дар маърузаву гузоришҳо, конференсияҳои байналмилаливу ҷумҳуриявӣ ва семинарҳои ҳамасолаи илмиву назариявии ҳайати профессорону устодони Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода мавриди муҳокима ва баррасӣ қарор гирифтааст.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ**. Довталаби дараҷаи илмӣ бо такя ба осори илмӣ ва сарчашмаҳои таҳқиқ воҳидҳои забонии аломатҳои китобатиро дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ бори нахуст ба низоми муайян даровардааст.

Ҳамзамон, таҳлили вижагиҳои истифодаи аломатҳои китобатро дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ дар самти забоншиносии типологӣ ва муқобилавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аввалин маротиба мавриди таҳқиқ қарор додааст. Бо саъю кӯшиши диссертант умумият ва фарқияти мавридҳои истифодаи аломатҳои китобат дар забонҳои муқоисашаванда бо мисолҳои мушаххас нишон дода шудаанд.

Ҳамин тавр, диссертатсияи Давлатзода Муслим Сайбурҳон дар мавзуи “Таҳлили вижагиҳои истифодаи аломатҳои китобат дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ” ба ихтисоси интихобшуда пурра мувофиқат мекунад.

Мавзуи диссертатсия ба бандҳои шиносномаи ихтисоси илмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021310 – Забоншиносии типологӣ ва муқобилавӣ) мутобиқат менамояд.

Диссертатсия аз муқаддима, 3 боб, 10 зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва рӯйхати адабиёт иборат аст.

Вобаста ба мавзуъ ва масоили таҳқиқи диссертатсионӣ 13 мақолаи илмӣ, аз ҷумла, 4 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон воридбуда интишор гардидаанд, ки 3,875 ҷузъи чопиро ташкил медиҳанд.

Мундариҷаи асосии таҳқиқ аз рӯйи мазмуни диссертатсия дар таълифоти зерини муаллиф инъикос ёфтааст:

**I. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд:**

1. **Давлатов, М.С.** Назарияҳо оид ба таърих ва рушди аломатҳои китобатӣ дар забоншиносии муосир [Матн] / М.С. Давлатов // Паёми Донишкадаи забонҳо. Силсилаи илмҳои филологӣ, педагогӣ ва таърих. – Душанбе, 2020. – № 4 (40). – С. 71-75.
2. **Давлатов, М.С.** Таҳлили маъноӣ – луғавии пунктуатсия дар забоншиносӣ [Матн] / М.С. Давлатов // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2022 – № 5. (100) – С. 141-144.
3. **Давлатов, М.С.,** Мусоямов, З.М. Ташаккули назарияи аломатҳои китобат ва тамоюлоти асосии он дар забоншиносии муосир / М.С. Давлатов, З.М. Мусоямов, [Матн] // Паёми Донишгоҳи забонҳо. Силсилаи илмҳои филологӣ, педагогӣ ва таърих. – Душанбе, 2023. – № 4. (52) – С. 41-47.
4. **Давлатов, М.С.** Корбурди аломатҳои китобат дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ: умумият ва фарқият [Матн] / М.С. Давлатов // Паёми Донишгоҳи забонҳо. Силсилаи илмҳои филологӣ, педагогӣ ва таърих. – Душанбе, 2023. – № 1 (49). – С.75-81.

**б) Мақола ва фишурдаи интишорот дар маҷмуаҳои дигар:**

5. **Давлатов, М.С.** Корбурди аломатҳои китобат дар забони тоҷикӣ [Матн] / М.С. Давлатов // Маводди конференсияи илмӣ-амали дар мавзуи “Масъалаҳои мубрами назария ва амалияи таҳқиқот дар соҳаи забоншиносӣ”. – Душанбе, 2022. – С. 244-247.
6. **Давлатов, М.С.** Истифодаи аломатҳои китобат дар забони англисӣ [Матн] / М.С. Давлатов // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалии “Масъалаҳои мубрами забоншиносии муқоисавии забонҳои Аврупоӣ ва омӯзиши онҳо дар шароити муосир”. – Душанбе, 2024. – С. 111-114.

7. **Давлатов, М.С.** Таърихи ташаккул ва рушди хат ва пунктуатсия дар забоншиносӣ [Матн] / М.С. Давлатов // Маводд конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи "Ҷанбаҳои лингвистию муқоисавии омӯзиш ва тадриси забонҳои хориҷӣ дар шароити бисёрфарҳангии таҳсилот". – Душанбе, 2021. – С. 299-322.
8. **Давлатов, М.С.** Аломатҳои китобат ва масъалаҳои таълими онҳо аз назари муҳаққиқон [Матн] / М.С. Давлатов // Маводди конференсияи байналмилалии "Рушди забони адабии тоҷик дар замони истиқлол: Мушкилот ва дурнамо". – Душанбе, 2022. – № 1. - С. 300-305.
9. **Давлатов, М.С.** Чанд мулоҳиза дар атрофи маънои луғавӣ ва истилоҳии "Пунктуатсия" [Матн] / М.С. Давлатов // Маҷаллаи илмӣ. Осиё ва Аврупо. – Душанбе, 2022. – С.164-168.
10. **Давлатов, М.С.** Забоншиносии муосир ва рушди аломатҳои китобат: [Матн] / М.С. Давлатов // Маводди конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ таҳти унвони: "Филологияи шарқ: Пажуҳиши забоншиносӣ, равобити адабӣ ва тарҷумашиносӣ. – Душанбе, 2023. – С. 43-46.
11. **Давлатов, М.С.** Истифодаи аломатҳои китобат дар забони тоҷикӣ ва англисӣ / [Матн] // Маводди конференсияи байналмилалии илмӣ-амалии "Аҳаммияти омӯзиши забонҳои романӣ-германӣ дар раванди ҷаҳонишавӣ ва вазъи омӯзиши онҳо дар Тоҷикистон". – Душанбе, 2025. – С.173-178.
12. **Давлатов, М.С.** Таҳлил ва таснифи пунктуатсия дар забоншиносии муосир / [Матн] // Маводди конференсияи байналмилалии илмӣ-амалии "Масъалаҳои мубрами методикаи таълими забонҳо: татбиқи методҳои муосир ва технологияҳои педагогӣ". – Душанбе, 2026. – С. 365-367.
13. **Давлатов, М.С.** Таҳлили муқоисаи аломатҳои китобат дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ / [Матн] // Маводди конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ бахшида ба амалигардонии "Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030". – Душанбе, 2025. – С. 84-89.

**Ҷаласа қарор қабул кард:**

1. Диссертатсияи Давлатзода Муслим Сайбурҳон дар мавзуи "Таҳлили вижагиҳои истифодаи аломатҳои китобат дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021310 – Забоншиносии типологӣ ва муқобилавӣ) кори таҳқиқии анҷомёфта ҳисобида шавад;
2. Диссертатсияи Давлатзода Муслим Сайбурҳон дар мавзуи "Таҳлили вижагиҳои истифодаи аломатҳои китобат дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021310 – Забоншиносии типологӣ ва муқобилавӣ) бо назардошти ислоҳи эродҳои гирифташуда барои ҳимоя дар шурои диссертатсионии дахлдор тавсия дода шавад.

Хулоса дар ҷаласаи муштараки кафедраҳои забоншиносии муқоисавӣ ва тарҷумашиносӣ ва филологияи англиси Донишгоҳи байналмилалии забонҳои

хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода аз санаи 29.04.2026, таҳти №9 қабул гардидааст:

Дар ҷаласа иштирок доштанд: 11 нафар.

Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор – 11 нафар, зид – нест, бетараф – нест.

**Раиси ҷаласа:**
мудири кафедраи забоншиносии муқоисавӣ ва тарҷумашиносӣ,
доктори илмҳои
филологӣ, профессор — Соҳибназарзода Ҳавасмоҳ Тилло

Мудири кафедраи филологияи англис,
номзади илмҳои филологӣ, дотсент — Рустамзода Саодат Рустам

**Котиби илмии ҷаласа:**
номзади илмҳои филологӣ, дотсент — Бобоалиева Зебониссо Пирмуродовна

Имзоҳои Ҳ.Т. Соҳибназарзода,
С.Р. Рустамзода ва З.П. Бобоалиеваро
тасдиқ менамоям:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси ДБЗХТ ба номи С. Улуғзода — Юсупова Бибиҷон Ғаниҷоновна

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС
ДОНИШГОҲИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ЗАБОНҲОИ ХОРИҶИИ ТОҶИКИСТОН ба номи СОТИМ УЛУҒЗОДА